### °°° *ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА РИСОЛАТИ СОЗАНДАИ ОН.*°°°

Дар ҷамъбасти ҳар сол Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар симои он ба тамоми мардуми кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» доир мегардад. Лозим ба таъкид аст, ки Паёми сарвари давлат яке аз рукнҳои муҳими давлати соҳибистиқлол ва аз рамзҳои асосии давлатдории демократию ҳуқуқбунёд маҳсуб меёбад. Ҳамчунин дар айни замон дар низоми сиёсии давлатдорӣ Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати расмӣ ва муҳимми барномавӣ буда, оинаи равшани рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсии Тоҷикистон ва қутбнамои ҳаракати устувори ҷомеа ба сӯи ояндаи дурахшон мебошад. Яъне Паём ин сухани самимии Пешвои миллат ба ҳар як ҳамватан, пайғоми ифтихори насли имрӯз ба наслҳои фардо ва садои баланду созандаи давлату миллати Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ воқеан паёми таърихӣ буда, бо таҳлили амиқу дурандешонаи тамоми самтҳои сиёсати дохилию хориҷии кишвар, фаъолияти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, кишоварзӣ, фарҳанг, маориф ва илм, тандурустӣ, ҷавонон ва даъват ба ҳалли саривақтии масойили вобаста ба таъмини нишондиҳандаҳои дурнамои соли 2024 ва муҳайё кардани шароити зиндагии шоиста барои ҳар як фарди Тоҷикистон аз Паёмҳои қабли тафовут дорад ва бояд чун қутбнамоӣ фаъолияти ҳар як ватандор қарор гирад. Ба андешаи Пешвои миллат “Дар баробари ин, ноороимиву низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат, мусаллаҳшавии бошитоб, «ҷанги сард», тағйирёбии иқлим, инчунин, канда шудани занҷираҳои таҳвили молу маҳсулот ва дигар омилҳои берунӣ моро водор месозанд, ки барои пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешем.

Дар ин ҷода моро зарур аст, ки дар заминаи амалисозии ҳадафҳои миллиамон, пеш аз ҳама, амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодиро таъмин намоем ва сатҳу сифати зиндагии мардумро боз ҳам баланд бардорем”. Мусаллам аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саъю талош меварзанд, ки марҳила ба марҳила ҳаёти хурраму ососиштаи сокинони кишвари офтобиамонро пурра таъмин намоянд ва дар ин самт тадбирҳои судманд меандешанд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири таъмини саломатии аҳолӣ, хусусан, наврасону ҷавонон, таблиғи тарзи ҳаёти солим, оммавигардонии варзиш ва муаррифии давлату миллат дар арсаи байналмилалӣ соҳаи варзишро низ ҳамчун самти муҳимми фаъолияти давлатдорӣ пайваста дастгирӣ менамоянд ва барои рушди ин соҳа тадбирҳои судманд меандешанд. Чунончӣ дар Паём зикр намуданд “Бо ин мақсад дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ беш аз 10 ҳазор иншооти соҳаи варзиш бунёд карда шуд, ки нисбат ба 70 соли сохти гузашта даҳҳо баробар зиёд мебошад. Масъалаи нигоҳубин ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани онҳо бояд ҳамеша дар мадди назари роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ва масъулини соҳа бошад. Мо аз қабул гардидани пешниҳодамон аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид, тавассути қатъномаи махсус эълон доштани Рӯзи ҷаҳонии футбол ва дастовардҳои варзишгарони тоҷик дар Бозиҳои тобистонаи олимпии Париж – 2024-ум ифтихор мекунем. Инчунин, ҷаҳонӣ шудани гӯштини миллии тоҷикӣ низ боиси ифтихору шараф ва дар айни замон масъулияти мо дар самти муаррифии бештари он дар дохил ва хориҷи кишвар мебошад”. Маврид ба зикр аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар фикри роҳҳои беҳдошт барои кору таҳсили ҷавонон ҳастанд ва дар Паём бо эҳсоси баланд қайд карданд, ки “Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки ҳамаи пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки сабаби асосии бадбахтии ҳар як миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ кардан ба

тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад. Яъне то вақте, ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд". Воқеан яке аз омилҳои асосии инкишофи ҷомеаи имрӯзаи мо, рушди босуботи соҳаи маориф аст ва ҳадафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он тарбия кардану ба камол расонидани шахсияти бомаърифату соҳибихтисос ва ватандӯсту ватанпараст мебошад. Ин имкон медиҳад, ки насли имрӯзу оянда тақдири Ватану миллатро ба даст гирифта, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро мутобиқи меъёрҳои замона густариш дода, иқтидори иқтисодӣ ва вазъи иҷтимоии кишварамонро зина ба замина беҳтар гардонанд.

Дар воқеъ, бо шарофати Истиқлолияти кишвари азизамон Тоҷикистон ва пойдории сулҳу суботу Ваҳдати миллӣ, ҳамчунин азму талоши ватандӯстонаи мардуми тоҷик таҳти сарварии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати хирадмандонаи пешгирифтаи ин марди наҷиб ба кулли ҷабҳаҳои ҷомеа-иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг ва хосатан ба соҳаи маориф, ки «самти афзалиятноки рушди сиёсати иҷтимоии давлат» маҳсуб меёбад, таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Дар рӯзгори мо илму таҳқиқ аҳамияти зиёдтар касб намуд. Зеро мо дар ҷаҳони бисёр мураккаб умр ба сар мебарем ва аз як тараф бозиҳои сиёсии мамолики қудратманд, аз ҷониби дигар сар бардоштани равияҳои ифротӣ торафт зиндагии инсонро беранг мегардонад. Дар чунин шароит наҷоти инсоният танҳо дар касби илму маърифат аст. Он миллате, ки дорои илму ахлоқ бошад, ба пешравиҳои чашмгир ноил мегардад. Пас ташаккулу такомул додани соҳаи маориф воситаи муҳимтарини болоравии донишу маърифати аҳли башар ба ҳисоб меравад.

Ҷавонони даврони соҳибистиқлол ҷавонони хушбахтарини ҷомеа мебошанд, чунки дар даврони ободиву осудагӣ, тинҷиву амонӣ умр ба сар мебарем, аз меваҳои шаҳдбори Истиқлолу Ваҳдат ком ширин мекунем. Мо, аҳли ҷомеа бояд дар назар дошта бошем, ки рӯзгори ободу осудаи имрӯза ваояндаи неки ҳар як миллат аз сатҳи донишомӯзӣ, пешрафти соҳаи асосии ҳаёт маориф вобастагӣ дорад. Маҳаки асосии ин пешрафт дониш мебошад. Ва ҳар фарде, ки замири худро бо чароғи илму маърифат афрӯзад, дорои маънавиёти воло, донишу фарҳанг, касбу ҳунар ва муҳимтар аз ҳама, дорои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, одоби шоиста мегардад. Ин ба бедории ақлу ҷон мебарад, яъне дониш ҷони бедор аст, бедории ҷон аз ғизои маънавӣ сарчашма гирифта, роҳи фардои ҳар нафарро муайян месозад. Бинобар ин, муҳимтарин сирри бақои ҳасти миллати тоҷик, ин пайванди ҳамешагӣ бо қаламу китоб аст. Дар замони имрӯза насли наврас, ҷавонон бояд идомадиҳандаи суннатҳои неки аҷдодони худ бошанд, дили худро бо чароғи ақли солим илму дониш равшан созанд. Махз дар ҳамин ҳолат дар вуҷуди шахси донишманд, соҳибфарҳанг, бомаърифат эҳсосоти худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, ватанпарастӣ, худогоҳӣ ва дарки арзишҳову муқаддасоти миллӣ, ҳифзи марзу бум қавитар мегардад.

Аслан Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дорои мазмуну маънои васеъ буда, таъсири суханашон диққати донишмандону мутафаккирон, аҳли илму сиёсат ва тамоми аҳли толору кулли сокинони кишварро, ки тавассути оинаи нилгун бо диққат тамошо карданд, ба худ ҷалб намуд. Ҷалб шудани диққати кулли ҳамватонону хориҷиён бар он далолат мекунад, ки Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дорои таҷрибаи ғанӣ дар ҷодаи сарварӣ, дорои дониши кофӣ дар самти сиёсат ва муҳимтар аз ҳама дорои дилу нияти пок мебошанд. Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ватанро чун ҷонашон дӯст медоранд ва ҳар яки моро зарур аст, ки пайравони асили Пешвои миллати хеш бошем ва ин миллату сарзаминро дӯст дорему чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоем.

Давлатзода Сарвиноз Абдумалик- номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.